**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ҚАРОРИ**
**РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ**

аз «16» декабри соли 2022, № 685

Дар бораи додани иҷозат ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Тропикан Инвест» барои сохтмони бинои бисёрфунксионалии 14 (чордаҳ) ошёна бо ҷойгиронии марказҳои хизматрасонӣ ва дафтарҳои корӣ дар 4 (чор) ошёнаҳои аввал, манзилҳои истиқоматӣ дар ошёнаҳои болоӣ ва таваққуфгоҳи наклиёти автомобилии дусатҳа дар таҳхонаи он, дар заминаи бинои 3-ошёнаи хусусӣ, воқеъ дар гузаргоҳи 1-уми кӯчаи М.Турсунзода №3/1, ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе

Бо мақсади иҷрои банди 1 қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 18 майи соли 2020, №300 «Дар бораи Тартиб ва меъёрҳои пардохт барои додани иҷозати сохтмони бино ва иншоот дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон - шаҳри Душанбе», бо инобати қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 30 июли соли 2020, №397, хулосаи мусбии экспертизаи давлатӣ аз 30 апрели соли 2021, №69/21/69, маълумотномаи Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе аз 14 сентябри соли 2022, №19/3-1979 ва санади Сарраёсати молияи шаҳри Душанбе аз 9 ноябри соли 2022, мутобиқи моддаҳои 19 ва 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», моддаи 17 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 14 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи $82^6$ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет»,

**ҚАРОР МЕКУНАМ:**

1. Ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Тропикан Инвест» барои сохтмони бинои бисёрфунксионалии 14 (чордаҳ) ошёна бо ҷойгиронии марказҳои хизматрасонӣ ва дафтарҳои корӣ дар 4 (чор) ошёнаҳои аввал, манзилҳои истиқоматӣ дар ошёнаҳои болоӣ ва таваққуфгоҳи наклиёти автомобилии дусатҳа дар таҳхонаи он, дар заминаи бинои 3-ошёнаи хусусӣ, воқеъ дар гузаргоҳи 1-уми кӯчаи М.Турсунзода №3/1, ноҳияи Шоҳмансур, дар қитъаи замини масоҳати умумии 0,25 (сифр аз сад бисту панҷ) гектар тибқи лоиҳаи тасдиқшуда, иҷозат дода шавад.

2. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Тропикан Инвест» ба сохтмони иншоот пас аз дастрас намудани иҷозати Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе оид ба оғози корҳои сохтмонӣ шурӯъ намуда, баъди анҷоми сохтмон иншоотро барои мавриди истифодабарӣ қарор додан ба комиссияи давлатии қабул пешниҳод намояд.

3. Пардохти дурусти маблағҳо ҳангоми қабули он дар санади комиссияи давлатии қабули иншоот, дар асоси шиносномаи техникии аз ҷониби Корхонаи давлатии фаръии «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе таҳиягардида муайян карда шуда, дар сурати кам ва ё зиёд шудани масоҳати умумии бино маблағи пардохти ҳатмӣ ва ҳисоббаробаркунӣ тибқи санади муқоисавӣ гузаронида шавад.

4. Кумитаи идораи замини шаҳри Душанбе ба ҳуҷҷатҳои кадастри замин тағйироти дахлдор ворид намояд.

5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини якуми Раиси шаҳри Душанбе, сарпарасти соҳа гузошта шавад.

РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ, МУРОҶИАТ ВА ҚАБУЛИ ШАҲРВАНДОН

Рустами Эмомалӣ